# ТАВЗЕҲНОМА

## ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба «Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо»

Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо (минбаъд - НАБИМ) аз моҳи июли соли 2019 дар Бонки миллии Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ намуд. Низоми пардохтҳои босуръат (IFT – Instant Fund Transfer) яке аз қисмҳои НАБИМ ба ҳисоб рафта, барои дастгирии хизматрасонӣ оид ба қабул, коркард ва интиқоли пардохтҳои босуръат дар реҷаи 24 соат дар як рӯз, 7 рӯз дар як ҳафта ва 365 рӯз дар як сол пешбинӣ шудааст.

Дар қисми пардохтҳои босуръат пардохтҳои зерин коркард мешаванд:

– пардохтҳои ба воситаи бонкинги мобилӣ, интернет бонкинг, ҳамёнҳои электронӣ (маблағҳои электронӣ бо сомонӣ) амалишуда;

– интиқолияҳо байни шахсони воқеӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ;

– пардохт ба фоидаи таҳвилкунандаи хизматрасонӣ ва молҳо;

– пардохт ба фоидаи хизматрасониҳои давлатӣ;

– QR-пардохтҳо.

Аммо то ҳол иқтидори низоми пардохтҳои босуръати НАБИМ пурра ба кор андохта нашудааст.

Айни замон як қатор ташкилотҳои қарзии молиявӣ қабули пардохтҳоро дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ тариқи QR-рамз ба роҳ мондаанд. Бо сабаби мавҷуд набудани талаботи ягона барои таҳияи QR-рамз, ҳар як ташкилотҳои қарзии молиявӣ QR-рамзи худро таҳия намуда, танҳо ба мизоҷони худ хизматрасонӣ намуда истодаанд. Мизоҷони дигар ташкилоти қарзии молиявӣ наметавонанд ба воситаи ҳамёнҳои электронии худ тариқи QR-рамзи дигар ташкилоти қарзии молиявӣ, ки дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ насб карда шудааст, пардохт намоянд. Ҳолати ҷойдошта вазъияти ногуворро ба миён оварда, аз як тараф ба мизоҷон имконият намедиҳад, ки пардохти хариди молу хизматрасониҳоро дар дилхоҳ муассисаи савдою хизматрасонӣ анҷом диҳанд. Аз тарафи дигар

бошад, истифодаи васеи воситаҳои электронии пардохтӣ аз ҷониби аҳолӣ маҳдуд шуда, ба рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар монеа эҷод менамояд.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади бартараф кардани мушкилии ҷойдошта зарурат пеш омадааст, ки ба санади меъёрии ҳуқуқии «Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо» тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шавад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар тасмим гирифтааст, ки технологияи молиявию инноватсиониро барои васеъ намудани хизматрасонии бонкӣ истифода намуда, иқтидори кории низоми пардохтҳои босуръати НАБИМ-ро пурра татбиқ намояд.

Дар ин замина, муайян намудани талабот барои таҳияи QR - рамзи ягона бо стандарти байналмилалии EMV QR - ҳамчун яке аз усулҳои маъмули пардохти мол ва хизматрасонӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ, инчунин ҷорӣ намудани тартиби ҳисоббаробаркуниҳо байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи ин амалиётҳо дар низоми пардохти босуръат мувофиқи мақсад мебошад. Бинобар ин, бо мақсади ворид намудани талабот нисбати таҳияи QR - рамзи ягона бо стандарти EMV QR, лоиҳаи санади меъёрии мазкур таҳия карда шуд.

Қабул гардидани лоиҳаи мазкур ба чунин оқибатҳои мусбии иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонад:

<u>Оқибатҳои иқтисодӣ:</u>

- ба танзим даровардани фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар қисмати хизматрасонии мизоҷони худ - дорандагони ҳамёнҳои электронӣ ва кортҳои пардохтӣ;
- роҳандозӣ намудани пешбурди технологияи молиявию инноватсионӣ;
- рушди тиҷорати муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ аз ҳисоби ҷалби бештари мизоҷон;
- зиёд шудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар таъмини шаффофияти иқтисодиёт ва афзоиш ёфтани вориди маблағи андозҳо ба буҷети давлат дар натиҷаи зиёд шудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ.

<u>Оқибатҳои иҷтимоӣ:</u>

- ба аҳолии кишвар - мизоҷони ташкилотҳои қарзии молиявӣ имконияти пардохт намудан тавассути QR-рамзи ягона дар

муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ ҳамчун усули осон ва қулайи пардохти молу хизматрасонӣ;

- афзоиши дастрасӣ ба хизматрасониҳои пардохтӣ;
- кам кардани хароҷотҳои муассисаҳои савдою хизматрасонӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ;
- баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ.

Қабули лоиҳаи мазкур боиси он мегардад, ки маблағҳои ғайринақдии мизоҷон тавассути пардохтҳои босуръат дар реҷаи вақти воқеӣ, сариваќт ва бехатар интиқол гардида, дар маҷмӯъ барои зиёд шудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулӣ мусоидат намояд.

Қабули лоиҳаи мазкур аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Муовини Раис Накҳатзода М. К.